**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Ҳасанзода Хуршед Раҷаб дар мавзуи «Хусусиятҳои психологию педагогии омӯзиши кӯдакони дорои нуқсони нутқӣ дошта дар муассисаҳои таълимии томактабӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010500 Нуқсоншиносӣ (Дефектология) (6D010501 - Педагогикаи махсус)**

Масъалаи ислоҳи нуқсонҳои нутқи кӯдакон дар ҳама давру замон ва дар ҳамаи соҳаҳои илм: педагогика, психология, забоншиносӣ, этика ва дигар соҳаҳо таваҷҷуҳи олимони тамоми дунёро ба худ ҷалб намудааст. Дар ин хусус як қатор таҳқиқоти илмӣ гузаронида шудаанд, ки имконияти гузоштани заминаҳои илмии асоснокшударо барои муайян намудани шароитҳои психологӣ – педагогии ислоҳи нуқсонҳои нутқи кӯдаконро дар синни томактабӣ медиҳад.

Шартҳои асосии муваффақиятҳои таҳсилоти фарогир ба салоҳияти касбии мураббия вобаста аст. Хусусияти ташкили таҳсилоти фарогир аз он иборат аст, ки мураббиён бояд аз омодагии махсуси касбӣ гузаранд. Мураббиён бояд донишҳо дар бораи таҳсилоти фарогир ва психологияи синну солӣ, хусусиятхои психофизиологии кӯдакон, методикаи баргузории машғулиятҳои таълимӣ ва инфиродӣ бохабар буда, дар бораи кӯдакони дорои маҳдудияти ҷисмонӣ ва саломатӣ дошта кор бурда тавонанд.

Маводи таҳқиқотӣ барои омода кардани мутахассисони таҳсилоти томактабӣ, пажӯҳишгарони илми соҳаи педагогикаи махсус, нуқсоншиносон, логопедон, равоншиносони тоҷик арзишманд буда, метавонанд дар омодагии касби мураббиён дар факултетҳои педагогии донишгоҳҳои омӯзгорӣ, коллеҷҳои омӯзгорӣ ва донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар курсҳои такмили ихтисос, инчунин, барои омӯзгорони махсус-таҷрибаомӯзони мактабҳои ҷумҳурӣ истифода шаванд.

Кори илмию таҳқиқотии пешниҳодшуда масоили назариявии психологию педагогӣ, баррасӣ ва муқоисаи вазъияту мушкилоти ислоҳи нуқсонҳои нутқ дар кӯдакони синни томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар назар дорад.

Асоси таҳқиқоти унвонҷӯйро баррасии озмоишҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ оид ба масъалаи ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ ташкил додааст. Ҳалли масъалаи мазкурро унвонҷӯй дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзуи мазкур дар муқаддима, се боб ва ҷамъбасти он нишон додаст.

Дар муқаддимаи кор муҳимияти мавзуъ, мақсади таҳқиқот, макон, фарзия, вазифаҳои дар назди худ гузошта, кушодани усулҳои таҳқиқ, истифодаи навгониҳои илмӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии кор, ки асоси диссертатсияро муайян мекунад, зарурияти амалӣ кардани онҳоро дар таҷриба ифода мекунад.

Дар боби аввал «Таҳқиқи психологӣ-педагогии нуқсонҳои нутқи кӯдакони синну соли томактабӣ», ки номгузорӣ шудааст, дар зербоби якуми он «Таҳлили психологӣ-педагогии нуқсонҳои нутқи кӯдакон дар адабиёти педагогӣ-психологӣ” қайд мегардад, ки дар ҳаёти инсон нутқ басо муҳим буда, яке аз омилҳои пурқуввати рушди кӯдак ба ҳисоб меравад. Тавассути нутқ одамон бо якдигар фикри худро мефаҳмонанд ва ба якдигар таҷрибаи ҳаётии худро баррасӣ менамоянд.

Дар боби дувум андешаҳои муаллиф доир ба «Шароитҳои педагогии баргузории корҳои логопедӣ бо кӯдакони синни томактабӣ» баён шудааст. Дар зербоби якуми боби дуюм «Тавсифи корҳои логопедӣ бо кӯдакони синни томактабӣ оид ба бартараф намудани нуқсонҳои нутқӣ дар шароити таҳсилоти фарогир» таҳлил ва баррасӣ гардидааст.

Дар боби сеюм «Таҳқиқи хусусиятҳои батарафсозии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабдар муҳити таҳсилоти фарогир» масъалаҳои хусусиятҳои баргузории корҳои логопедӣ дар озмоиши муқарраркунанда ва таҳлили натиҷаҳои он ва заминаҳои психологию

педагогии ташкили озмоиши таҷрибавӣ дар муҳити таҳсилоти фарогир баррасӣ шудааст.

Муаллиф диққати асосиро ба корҳои илмию таҳқиқотии олимони кишвар ва хориҷи он оид ба масъалаи мазкур равона кардааст.

Мундариҷа ва мазмуни асосии таҳқиқоти гузаронидаи Ҳасанзода Хуршед Раҷаб дар мавзуи «Хусусиятҳои психологию педагогии омӯзиши кӯдакони дорои нуқсони нутқӣ дошта дар муассисаҳои таълимии томактабӣ» дар автореферати диссертатсия инъикоси худро ёфтааст. Интишороти муаллиф нуктаҳои муҳим ва асосии таҳқиқотро дарбар мегирад.

Умуман, автореферати диссертатсияи Ҳасанзода Хуршед Раҷаб дар мавзуи «Хусусиятҳои психологию педагогии омӯзиши кӯдакони дорои нуқсони нутқӣ дошта дар муассисаҳои таълимии томактабӣ» ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010500 Нуқсоншиносӣ (Дефектология) (6D010501 - Педагогикаи махсус) сазовор аст.

Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи психология
ва сотсиалогияи идоракунии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаниева Б.Ҷ.

**Маълумот барои тамос:** 734003. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носиров 33; Тел. 904071600; E-mail: simin62@inbox.ru

Имзои Ғаниева Б.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Насуриддинзода А.Н.